# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.09.2025, №2

Барои сазовор донистани Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа

Диссертатсияи "Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ", аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа 12 июни соли 2025, суратмаҷлиси №12. ба ҳимоя қабул карда шуд, шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд таъсис гардидааст.

Довталаб Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович соли таваллудаш 28.01.1988 миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2011 Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми-Аъзам Абуҳанифа Нуъмон ибни Собитро бо ихтисоси фалсафа хатм намудааст. Аз соли 2013 то имрӯз дар Донишкадаи зикршуда дар вазифаҳои гуногун кору фаъолият карда истодааст. Солҳои 2012-2015 зинаи магистратураи факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси "таърих" хатм намудааст. Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович бо фармоиши ректори ДМТ аз 25.04.2019 таҳти №164-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуда, бо фармоиши ректори ДМТ аз 26.04.2024 таҳти №136-05 ба кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон интиқол ва соли 2024 онро хатм намудааст. (фармоиши ректор аз 20.12.2024 таҳти №505-05).

Диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети фалсафаи ДМТ аз 20.11.2019, суратҷаласаи №4 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Зиёев Идибек Ғозиевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Диноршоева Заррина Мусоевна** – доктори илмҳои фалсафа,

профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ;

**Гулов Ислом Файзаҳмадович** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ. Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи ҷомеашиносӣ С.С. Саидумаров имзо шудааст, қайд шудаст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла дар бораи мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмии чопшуда дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

1. Насриддинов Ҳ.Н., Шарофат ва манзалати ақл аз нигоҳи Муҳаммад Ғазолӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №10. - Душанбе, 2020. - С. 296-210.
2. Насриддинов Ҳ.Н., Баъзе андешаҳои Муҳаммад Ғазолӣ оид ба тарбияи ахлоқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 1. - Душанбе, 2021.- С.96-102.
3. Насриддинов Ҳ.Н. Ҷойгоҳи илми ахлоқ дар таснифоти илмҳо (Классификатсияи илмҳо аз назари Ғазолӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №6. - Душанбе, 2024. - С. 132-139.
4. Насриддинов Ҳ.Н. Фазилатҳои ахлоқӣ дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, № 7. - Душанбе, 2024. - С. 144-151.
5. Насриддинов Ҳ.Н. Мафҳуми шуури динӣ дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ // Ахбори ИФСҲ АМИТ №2 (1). - Душанбе, 2024. - С. 155-161.
6. Насриддинов Ҳ. Н. Таснифоти илмҳо аз назари Муҳаммад Ғаззолӣ // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №4 (12). 2024. – С. 76-79.

**Ба автореферат тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

- аз ҷониби доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи А.И.Сино - **А.С. Саидов.** Тақриз мусбат буда, дар баробари ин қайд карда мешавад, ки дар матни автореферат шумораи начандон зиёди хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ ҷой доранд;

- аз ҷониби н.и.ф., дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода – **Ғ.Ф. Файзуллоев.** Тақриз мусбат буда, пешниҳоду эродҳо ҷой надоранд.

- аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳанги ДДОТ ба номи С. Айнӣ – **Ф.Н. Ғиёсов.** Тақриз мусбат буда, фикру мулоҳизаҳои танқидӣ пешниҳод нагардидааст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи "Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа дар сатҳи хуб навишта шуда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида мебошад.

**шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- моҳияти осори ахлоқӣ ва асосҳои таълимоти умумиахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ дар муқоиса бо унсурҳои илми ахлоқ, ки дар фалсафаи то замони мутафаккир вуҷуд доштаанд, **коркард карда шудааст;**

- фазилатҳои марказии ахлоқӣ-ирфонӣ дар консепсияи Муҳаммад Ғазолӣ, ки дар осори ӯ оид ба ахлоқ тасниф карда шудаанд, муқоиса гардида, **ошкор мегардад,** ки саҳми шахсии Муҳаммад Ғазолӣ дар коркард ва синтези фазилатҳои ба ташаккули ахлоқи ирфонӣ мусоидаткунанда иборат мебошад;

- **пешниҳод шудааст, ки** муносибати Муҳаммад Ғазолӣ ба фазилатҳои ахлоқӣ дар тули марҳалаҳои зиндагиаш якхела набудааст ва ақидаҳои ӯ дар осори ахлоқиаш тадриҷан ба сӯи ирфон рушд карда, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Илова бар ин, Муҳаммад Ғазолӣ тавассути методи хоси худ ба фаҳмиши моҳияти тамоми фазилатҳои ахлоқӣ тағйирот ва иловаҳо ворид намудааст.

- **исбот шудааст, ки** таълимоти ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ва консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии ӯ бо таълимоти мутафаккирони зиёди тоҷик дар асрҳои миёна пайванди ногусастанӣ дорад, ки аз миёни онҳо Ибни Мискавейҳ ва Ибни Синоро махсусан таъкид кардан зарур аст. Таҳлили афкори онҳо нишон медиҳад, ки дар осори ҳар яке аз ин мутафаккирон ақидаҳои ахлоқӣ, андешаҳо дар бораи рафтори ахлоқии шахсиятҳои барҷастаи он даврон хеле зиёд аст, ки метавонанд барои инсони муосир низ омӯзонанда бошанд;

- **истифода аз** усулҳои гуногуни мантиқӣ ва илмӣ, ба монанди усули таърихӣ-фалсафӣ, усули аксиологӣ ва интиқодӣ, усули гузариш аз таҳлили таҷридӣ ба таҳлили мушаххас, усулҳои муқоисавӣ, таҳлил ва таркиби мавод, баъзе унусурҳои герменевтика мазмун ва моҳияти рисоларо пурра гардонид.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки** қабл аз ҳама, асарҳои ба таълимоти ахлоқӣ бахшидаи мутафаккирони Юнони

Қадим, фалсафаи калом, машшоияи шарқӣ, тасаввуф ва таҳқиқоти илмии муҳаққиқони ватанию хориҷии муосир оид ба ин мавзуъҳо ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия ба даст омада ба ақидаҳои фалсафию ахлоқии мутафаккирони тоҷик, махсусан Муҳаммад Ғазолӣ равшанӣ андохта, дар оянда барои таҳқиқи консепсияи фазилати инсон дар таълимоти файласуфони дигар метавонанд аз ҷониби муҳаққиқон мавриди таҳқиқ қарор гиранд.

- баррасии фазилатҳои ахлоқӣ нишон медиҳад, ки онҳо ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи мутафаккирони гузашта қарор доштаанд. Муқоисаи онҳо дар осори мутафаккирони алоҳида, аз ҷумла, дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ ошкор сохт, ки онҳо таҳти таъсири таълимоти гуногун ба вуҷуд омада, мутафаккирон ба консепсияҳои гузаштагони худ такя кардаанд ва ҳадаф аз фазилатҳоро аз нигоҳи динӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ муайян кардаанд, дар диссертатсия **баён карда шуданд.**

- дар таҳқиқот **ошкор карда шуд**, ки умумияти фазилатҳо дар он шакле, ки онро машшоиёни шарқӣ пешниҳод намудаанд, аз ҷониби Муҳаммад Ғазолӣ қабул шуда, аз ҷиҳати маъно ва мазмун ин фазилатҳо дар таълимоти ӯ хусусияти умумиахлоқӣ гирифтаанд ва аз рӯи ҳадафи ниҳоӣ дар самти ирфонӣ шарҳу баён ёфтаанд. Аз сабаби он ки Муҳаммад Ғазолӣ дар бораи наҷоти инфиродӣ фикр мекунад, ӯ низ бояд ба бузургии нафс такя намояд, аммо ин хел нест, зеро Арасту танҳо бо шарафи заминӣ сарукор дошта, дар бораи шарафи баъди ҷовидонӣ ё хайроти бузурги баъди марг чизе намегӯяд. Тамоми фазилатҳои ахлоқии Арасту ба олами фонӣ равона гардидаанд, зеро танҳо фазилати ақлӣ (интеллектуалӣ) бо абадият ва фано сарукор дорад. Аз ҷониби дигар, барои Муҳаммад Ғазолӣ фазилатҳои ахлоқӣ бо мақсади хаёлӣ, яъне воқеияти илоҳӣ дар ҳаёти ухравӣ анҷом дода мешаванд. Аз ин сабаб фурӯтанӣ (шикастанафсӣ, хоксорӣ, ҳалимӣ) ва хуммул (номаълумӣ, номашҳурӣ) ба мақсадҳои тарбиявии Муҳаммад Ғазолӣ аз бузургии нафс хубтар хизмат мерасонанд ва аз ин рӯ, барои маросими никоҳ, тоҷгузорӣ фазилатҳои ахлоқӣ беҳтар мебошанд. Маҳз дар ҳамин зерматн мо метавонем ба таснифоти Муҳаммад Ғазолӣ оид ба кибри нафс ҳамчун яке аз фазилатҳои шуҷоат ва муҳокимаҳои ӯ дар бораи он, ки ҳадди ифротии нуқси инсон фазилатест, ки аз он болотар аст, сарфаҳм равем.

- **омӯхта шуданд**, ки дар раванди таҳқиқ муайян карда шуд, ки таснифоти фазилатҳои ахлоқӣ ва робитаи байниҳамдигарии онҳо, ки Муҳаммад Ғазолӣ ба анҷом расонидааст, аз таснифоти қаблӣ фарқ дошта, фазилатҳо дар тобеъ будан ба расму оинҳо, ҳисси масъулият барои наҷоти инфиродӣ, риояи комил ва бечуну чарои аҳкоми ахлоқӣ маънидод

мешаванд ва дар ҳама муомилот байни қишрҳои ҷомеа ба дарёфти хайру саодат равона гардидаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ амалия,** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

- **муайян карда шуданд** таълимоти ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ва консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии ӯ бо таълимоти мутафаккирони зиёди тоҷик дар асрҳои миёна пайванди ногусастанӣ дорад, ки аз миёни онҳо Ибни Мискавейҳ ва Ибни Синоро махсусан таъкид кардан зарур аст. Таҳлили афкори онҳо нишон медиҳад, ки дар осори ҳар яке аз ин мутафаккирон ақидаҳои ахлоқӣ, қиссаҳо дар бораи рафтори ахлоқии шахсиятҳои барҷастаи он даврон хеле зиёд аст, ки метавонанд барои инсони муосир низ омӯзонанда бошанд. Аз ин рӯ, таҳияи як хрестоматия бо фарогирии ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла ҷанбаҳои мусбати таълимоти Муҳаммад Ғаззолӣ барои истифода дар раванди таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот мувофиқи мақсад дониста мешавад.

- дар асоси таҳлили аксиологӣ ва интиқодӣ арзишмандӣ ва ё баръакс, созгор набудани баъзе паҳлӯҳои таълимоти умумиахлоқӣ ва ахлоқӣ-ирфонии Муҳаммад Ғазолӣ, хусусан консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии ӯ, ба талаботи даврони муосир **офарида шуд**

- **муаррифӣ карда шуд**, ки таснифоти илмҳо дар таълимоти Муҳаммад Муҳаммад Ғазолӣ аз таснифоти тамоми мутафаккирони гузашта, машшоиёни шарқӣ ва суфиён ва ҳамзамононаш фарқ мекунад ва дар он илми ахлоқ ҷойгоҳи махсус дорад. Консепсияи фазилати инсон, ки аз нигоҳи Муҳаммад Ғазолӣ дар ду маънӣ - камол ёфтани ақлу зеҳни инсон ва хуб гаштани хулқи инсон фаҳмида мешавад, барои ин мутафаккир қисми ҷудонопазир ва асосии илми ахлоқ ба ҳисоб меравад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод**, ки намояндагони машшоияи шарқӣ аз аввалин мутафаккироне мебошанд, ки илми ахлоқро дар минтақаи мусулмоннишин дар заминаи илми ахлоқи қадимаи ориёӣ ва юнонӣ тарҳрезӣ карда, онро ба муҳити худ созгор намуданд ва ҳамчун як қисми таркибии фалсафаи амалӣ мавриди баррасӣ қарор доданд. Абуалӣ Мискавайҳ аввалин донишмандест, ки дар Шарқ китоби алоҳидаеро дар илми ахлоқ бо номи «Таҳзибу-л-ахлоқ ва татҳиру-л-аъроқ» («Тарбияи ахлоқӣ ва пок кардани решаҳо») таълиф намуда, дар он фазилатҳои ахлоқиро тасниф намудааст ва минбаъд тамоми мутафаккирони шарқӣ, аз ҷумла Муҳаммад Ғазолӣ, аз ин таҷриба истифода кардаанд. Дар баробари ин бо интихоби усулҳои фалсафӣ диссертатсия таҳлил ва таҳқиқ карда шуда, мутобиқати онҳо ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин миқдори зарурии мавод, ки дар ҷараёни кор ҷамъоварӣ ва коркард шудаанд,

тасдиқ мегардад. Манбаъҳои истифодашуда ба дурустӣ санҷида шудаанд ва ақидаҳои илмии пешниҳоднамудаи таҳқиқотчӣ ва дар диссертатсия баёншуда тасдиқ гардидаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳо бар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

- дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ ба таври муфассал баррасӣ гардида, муайян карда шудааст, ки аксарияти фазилатҳои ахлоқие, ки ин мутафаккир муқаррар намуда ва шарҳу тавзеҳ додааст, аз рӯи ҳадаф динӣ ё ирфонӣ бошанд ҳам, аз рӯи моҳият хусусияти умумиахлоқӣ доранд. Аз ин рӯ, **асоснок шудааст**, ки дар ҳалли масъалаҳои тарбияи насли наврас, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз мушкилоти ҷиддии замони муосир ба ҳисоб меравад, инчунин дар самти таҳким ва тақвияти ҳувияти миллӣ ва худшиносии ҷавонон, таблиғи арзишҳои ахлоқӣ-фалсафии ба фарҳанги миллӣ асосёфта онҳо метавонанд аз ҷониби муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, мақомоти дахлдори давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кул мавриди истифода қарор дода шаванд.

- бо вуҷуди баррасӣ шудани як қатор ҷанбаҳои таълимоти Муҳаммади Ғазолӣ то ҳол таҳқиқоти ҷудогона дар мавзуи консепсияи фазилатҳои умумиахлоқӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ-ирфонии мутафаккир рӯйи кор наомадааст, ки он дар диссертатсия ба анҷом расонида шудааст. Аз ҷумла бо таҳқиқоти академик М. Диноршоев, баъзе масъалаҳои таснифоти илмҳо, консепсияҳои гносеологӣ ва ҳастишиносии ӯро бори аввал мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифта буданд. Инчунин бо таҳқиқоти профессор А. А. Шамолов, ки андешаҳои ахлоқии мутафаккирро бо афкори ахлоқии Насриддини Тусӣ муқоиса намуда, андешаҳои динӣ-фалсафӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ, ахлоқӣ, мансубият, робита ва гароиши ӯро бо тасаввуф дар заминаи таҳқиқи осор ва таҳқиқоти ниҳоят зиёди аз ҷониби муҳаққиқони гуногуни олам анҷомёфта мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар баробари ин таҳқиқотҳои муҳаққиқи фалсафаи Муҳаммад Ғазолӣ профессор З.М. Диноршоева, ки ба таҳқиқи андешаҳои дар муқобили машшоиён гуфтаи ӯ дар асоси «Таҳофуту-л-фалосифа», яке аз асарҳои асосии муаллиф ба ҳисоб меравад, баррасӣ гардидаанд. Дар баробари ин таҳқиқотҳои муҳаққиқони зиёди ватанӣ, аз қабили И.Ғ. Зиёев, Қ.Т. Хоҷаев, М.Т. Алиев, И.Ф. Гулов, Алиризо Мирараб Розӣ ва дигарон, ки ба саҳми мутафаккир дар рушди илми педагогика ва андешҳои тарбиявии мутафаккир оид ба масъалаҳои дониш ва маърифат дар таълимоти ӯ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, паҳлуҳои гуногуни афкору андешаҳои педагогӣ, тарбиявӣ, дидактикӣ, ахлоқӣ ва фалсафии мутафаккирро баррасӣ ва таҳлил намудаанд, таҳқиқ, баррасӣ ва **истифода шудаанд**

Саҳми шахсии довталаб аз мустақилона гузоштани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, пайдо кардани иттилоот, инчунин муайян намудани объект ва мавзуи таҳқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда иборат мебошад. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз дар натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ исбот ва асоснок карда шудаанд.

Мундариҷаи асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ, инчунин дар конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявию донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба 30 солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» дар мавзуи «Мафҳуми «хулқи неку» аз назари Муҳаммад Ғазолӣ» (24.04.2024), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ДИТ ба номи Имоми Аъзам дар мавзуи «Масъалаи таҳаммулпазирӣ дар осори Муҳаммад Ғазолӣ» (05.09.2024).

Дар маҷлиси 18-уми сентябри соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа тарафдорӣ намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ – 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм – 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз – 16 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, тарафдор – 15 нафар, муқобил – 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор** **Саид Н.С.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои фалсафа, дотсент** **Ҳаитов Ф.Қ.**

**18 сентябри соли 2025**